**ТАҚРИЗИ**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Алиев Фарух Шарифович дар мавзӯи «Фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон ва нақши он дар таҳкими давлати ҳуқуқбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ пешниҳод шудааст.**

Таҳқиқоти диссертатсионии Алиев Ф.Ш. ба яке аз масъалаҳои рӯзмарраи илми ҳуқуқшиносӣ – фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон бахшида шудааст. Фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон ҳамчун як зернамуди фарҳанги умумии ҳуқуқ дар замони муосир як бахши муҳимми илмҳои ҳуқуқшиносӣ маҳсуб меёбад. Унвонҷӯ бамаврид қайд мекунад, ки гузариш ба муносибатҳои бозорӣ сабаби тағийрот дар тамоми соҳаҳои ҳаёт – иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва маънавӣ гардид. Дар ин ҳолат як қатор мушкилоти шадиди иҷтимоӣ ба миён омаданд, ки яке аз онҳо масъалаи баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии насли ҷавон мебошад. Вобаста ба ин, илми ҳуқуқро низ зарур аст, ки дар масъалаҳои тарбияи ҳуқуқии ҷавонон, шуури ҳуқуқии онҳо ва дар маҷмӯъ фарҳанги ҳуқуқии ин қишри аҳолӣ диққати ҷиддӣ дода, роҳҳои ташаккули фарҳанги ҳуқуқии ҷавононро коркард намояд.

Мавзӯи интихобкардаи муҳаққиқ, ки дар умум боло бурдани донишҳои ҳуқуқии ҷавононро дар шароити бунёди давлати ҳуқуқбунёд фаро мегирад, мавриди таваҷҷуҳи ҳамешагии Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад. Боло бурдани донишҳои ҳуқуқии ҷавонон яке аз масъалаҳои меҳварии Паёмҳо ва баромадҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ташкил медиҳад. Тавре Пешвои миллат, муҳатарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ аз 22 декабри соли 2016 изҳор дошта буданд: «Ҷавонон муҳофизони боэътимоди Ватан, амнияти давлату миллат, сарчашмаи ташаббусҳо ва

манбаи асосии кадрҳо ҳастанд. Онҳо дар дигаргунсозиҳои демокративу иқтисодии Тоҷикистон такягоҳи боэътимод ва ҷузъи ҷудонопазири муносибатҳои байни ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлат мебошанд. Ҷавонон бояд аз фарҳанги сиёсӣ ва арзишҳое бархӯрдор бошанд, ки онҳоро барои манфиати ҷомеа ва давлати Тоҷикистон фаъолият намудан ҳидоят созанд». Дар ин замина аз ҷониби давлат як қатор санадҳо дар бахши ҷавонон қабул гардид, аз ҷумла: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон сиёсати давлатии ҷавонон» аз 15 июли соли 2004, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми огоҳонӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкунии ноболиғон» аз 2 Январи соли 2020, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барномаи миллии» ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 1999-2000» аз 5 октябри соли 1998, таҳти № 400, Барномаи миллии пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ дар байни ноболиғон барои солҳои 2020-2024, **Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022**, Низомнома «Дар бораи Кумитаи кор бо ҷавонони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 1997, таҳти № 569 тасдиқ шудааст ва ғайра. Ин санадҳои ҳуқуқӣ далели равшани сиёсати ҳадафмандонаи кишвари мо дар самти баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон ба ҳисоб мераванд. Дар маҷмӯъ, мавзӯи таҳқиқот идомаи мантиқии сиёсати ҳуқуқии пешгирифтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ мебошад.

Гарчанде дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавзӯи мазкур муҳим ва рӯзмарра маҳсуб ёбад ҳам, аммо тадқиқоти илмии бунёдие дар ин самт вуҷуд надорад. Паҳлуҳои гуногуни он аз ҷониби олимони ватанӣ ва хориҷӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст, аммо ҳеҷ яке аз олимонӣ ватанӣ моҳиятан ба таҳқиқи илмии падидаи фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон машғул нагардидаанд. Бинобар ин, дар шароити Истиқлолияти давлатӣ ва густариши ҷаҳонишавӣ фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон ҳамчун падидаи

серпаҳлу ба таҳлили илмии амиқ ниёз дорад. Унвонҷӯ падидаи мазкурро ба таври назариявӣ таҳқиқ намудааст.

Дар рисола фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон ҳамчун қисми таркибии фарҳанги умумӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии инсон муайян гардидааст. Ҳамзамон унсурҳои таркибӣ, таснифоти он ба намудҳо, функсияҳои он дар ҳамоҳангӣ бо фарҳанги ҳуқуқӣ пешниҳод карда шудаанд.

Муҳаққиқ омӯзиши ҳамаҷонибаи мафҳум ва сохтори фарҳанги ҳуқуқии ҷавононро ҳамчун мақсади таҳқиқот қарор дода, дар асоси таҳлилҳои илмӣ-назариявӣ масъалаҳои гузошташударо баррасӣ намудааст. Аз ҷумла, дар таҳқиқот нақши сиёсати ҳуқуқӣ дар самти баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон, нақши қонунгузорӣ дар ташаккули фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон, нақши таълиму тарбияи ҳуқуқи дар ташаккули фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон, дурнамои рушди фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон таҳлили ҳамаҷониба ва комили илмиро дарёфтаанд.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки он яке аз нахустин пажӯҳишҳои илмӣ-ҳуқуқии фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон дар замони Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Яке аз вижагиҳои рисола дар он аст, ки унвонҷӯ онро бо забони ноби тоҷикӣ бо истифода аз вожаву ибораҳои тоҷикона навиштааст. Аз ин рӯ, он манбаи илмие ба ҳисоб меравад, ки саршори вожаву ибораҳои ҳуқуқии тоҷикона аст ва барои пажӯҳишгарони оянда ҳамчун дастур хизмат хоҳад кард.

Андешаҳои боло навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсиониро тасдиқ намуда, саҳми шахсии муаллифро дар таҳияи диссертатсия нишон медиҳанд. Нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ мустаҳкам карда шудаанд.

**Мавзӯи пажӯҳишро андешаҳо, афкор ва ғояҳо оид ба фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон, роҳҳои ташаккули он ташкил медиҳанд.**

**Объекти омӯзишро муносибатҳои ҷамъиятие ташкил медиҳанд, ки ба**

**ташаккули фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон, чун масъалаи марказӣ дар раванди барпо намудани давлати ҳуқуқбунёд боис мегарданд.**

Мақсади таҳқиқот омӯзиши асосҳои назариявии фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон ба ҳисоб рафта, нақши ин навъи фарҳанг дар бунёди давлати ҳуқуқбунёд, инчунин таҳияи тавсияҳо ва пешниҳодҳои илмӣ оид ба ташаккули фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон низ аз ҷумлаи мақсадҳоест, ки унвонҷӯ барои расидан ба онҳо то андозае кӯшиш ба харҷ додааст.

Бо дарназардошти мақсадҳои мазкур дар диссертатсия вазифаҳои зерин гузошта шудаанд:

- муайян намудани мафҳум ва мазмуни фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон;
- таҳқиқ ва таҳлили фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон ва масъалаи ташкили давлати ҳуқуқбунёд;
- таҳлили ватандӯстии ҷавонон ҳамчун унсури таркибии фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон;
- таҳқиқи ҳеҷангории ҳуқуқӣ ҳамчун омили зидди фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон;
- муайян намудани нақши таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ дар ташаккули фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон;
- муайян намудани аҳамияти сиёсати ҳуқуқии ҷавонон дар ташаккули фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон;
- муайян намудани дурнамои рушди фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон;
- манзур намудани пешниҳоду тавсияҳо ҷиҳати баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон.

**Навгонии илмии таҳқиқоти илмӣ** дар он ифода меёбад, ки рисолаи мазкур нахустин таҳқиқот оид ба фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон дар шароити эъмори давлати ҳуқуқбунёд дар Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Дар рисолаи илмӣ нуктаҳои назари гуногун оид ба фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон мавриди омӯзишу тадқиқ қарор дода шуда, мавқеи муаллиф дар таҳқиқи он аз лиҳози илмӣ асоснок карда шудааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқотро** ҳам усулҳои умумиилмӣ ва ҳам усулҳои махсуси ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд. Дар рисола усулҳои

умумиилмӣ, аз ҷумла усулҳои диалектикӣ, таҳлили низомнок, пешгӯии илмӣ ва усулҳои мантиқии мушоҳида, таҳлил ва синтез истифода шудаанд. Усулҳои махсуси илмӣ бошад, усулҳои мантиқӣ-забонӣ, шаклӣ-мантиқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ истифода гардидаанд.

**Асоси назариявии таҳқиқотро** ақидаҳои олимони ватаниву хориҷӣ оид ба фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон ташкил медиҳанд. Таҳлилҳо, таклифу масъалагузориҳо, пешниҳоду хулосаҳоии муаллиф дар заминаи муқоисаи нуқтаҳои назари илмии олимон ва хулосаҳои илман асоснокшудаву дар илм пазируфташудаи муҳаққиқону пажӯҳишгарон пешбарӣ ва асоснок карда шудаанд.

**Аҳамияти амалии диссертатсия** дар он аст, ки хулоса, нуктаҳо ва тавсияҳое, ки дар рисола пешбинӣ шудаанд, метавонанд дар таҳияи барномаҳо, стратегия ва консепсияҳои давлатӣ, дар раванди таълим ва тарбияи ҳуқуқии ҷавонон, таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон, боло бурдани донишҳои ҳуқуқии аҳолӣ, махсусан ҷавонон истифода бурда шаванд. Ғайр аз ин, нуктаҳо ва тавсияҳои рисола метавонанд дар таълими фанҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи инсон, ҳуқуқ ва ҳангоми навиштани корҳои курсӣ, рисолаҳои хатм ва магистрӣ истифода бурда шаванд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, ҳашт зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад, ки бо мақсад ва вазифаи таҳқиқот асос ёфтаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ.** Саҳми шахсии муаллифи рисола бо сатҳи навгониҳои илмӣ, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, интишороти илмӣ, ки бо саҳми бевоситаи ӯ омода карда шудаанд, инчунин бо маърӯзаҳо дар семинарҳо ва конференсияҳои илмӣ-амалии гуногун тасдиқ карда мешавад.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст.

Аз ин рӯ, таҳқиқоти диссертатсионии Алиев Фарух Шарифович – унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар мавзӯи «Фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон ва нақши он дар таҳкими давлати ҳуқуқбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот оид ба ҳуқуқ ва давлат мебошад.

Роҳбари илмӣ:
Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор, Ёрдамчии Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои
рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа,
узви вобастаи Академияи миллии
илмҳои Тоҷикистон Насриддинзода Э.С.

Суроға: 734023, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 80
Тел.: +992 902557555

Имзои Э.С. Насриддинзодаро тасдиқ мекунам:
мудири шуъбаи кадрҳои Дастгоҳи иҷроияи
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Пирназарзода И.

“01” 06 2021